**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор _______ Сафарзода М.В.
«___» августи 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Сулаймонзода Нилуфар Сулаймон дар мавзуи «Методикаи ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи унвонҷӯ Сулаймонзода Нилуфар Сулаймон дар мавзуи «Методикаи ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ» ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи асосҳои назариявӣ ва амалии рушди тафаккур ва салоҳиятмандии касбӣ-педагогии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ бахшида шудааст. Дар доираи таҳқиқ масъалаҳои истифодаи матнҳои таълимӣ ҳамчун воситаи самараноки дидактикӣ, татбиқи равиши герменевтикӣ дар раванди таълим, ташаккули қобилияти таҳлил, тафсир ва дарки маънои матн, инчунин рушди салоҳиятҳои касбӣ ва коммуникативии омӯзгорони оянда мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Муаллиф моҳият, мазмун ва сохтори тафаккур ва салоҳиятмандии касбӣ-педагогиро таҳлил намуда, асосҳои назариявӣ ва методологии истифодаи матнҳои таълимиро дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ муайян кардааст. Ҳамзамон, дар диссертатсия модели педагогии рушди тафаккур ва салоҳиятмандӣ, технологияҳои таҳлил ва тафсири матнҳои таълимӣ, имкониятҳои дидактикии онҳо, инчунин самаранокии татбиқи равиши герменевтикӣ дар омодасозии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардидаанд.

Муҳтавои диссертатсия ба доираи масъалаҳо ва самтҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) пешбинӣ шудаанд, пурра мутобиқат менамояд, зеро дар он масъалаҳои назария ва методикаи таълими забони англисӣ, истифодаи технологияҳои муосири таълим, ташаккули тафаккур ва

салоҳиятмандии касбӣ, рушди қобилияти коммуникативӣ ва такмили омодагии касбии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити муосири ҷаҳонишавии низоми маориф ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ масъалаи баланд бардоштани сифати омодасозии омӯзгорони забонҳои хориҷӣ, махсусан омӯзгорони ояндаи забони англисӣ, аҳаммияти махсус касб намудааст. Дар ин замина ташаккули тафаккури интиқодӣ, қобилияти таҳлил ва тафсири матнҳои таълимӣ, рушди салоҳиятмандии касбӣ ва коммуникативии донишҷӯён яке аз самтҳои муҳимми такмили раванди таълими забонҳои хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Бо вуҷуди анҷом гирифтани таҳқиқоти зиёди илмӣ дар самти назария ва методикаи таълими забони англисӣ, масъалаи истифодаи матнҳои таълимӣ дар асоси равиши герменевтикӣ ҳамчун воситаи рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони оянда ҳанӯз ба таври мукаммал мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, анҷом додани чунин таҳқиқ саривақтӣ буда, барои такмили назария ва методикаи таълими забони англисӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии таълим ва баланд бардоштани сифати омодасозии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ аҳаммияти муҳим дорад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда.** Кори диссертатсионӣ бо риояи талабот ва меъёрҳои муосири таҳқиқоти илмӣ таҳия гардида, дорои сохтори мантиқӣ ва пайдарпай мебошад. Муаллиф, масъалаи таҳқиқро дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмии ватаниву хориҷӣ асоснок намуда, бо истифода аз усулҳои назариявӣ, эмпирикӣ ва омории таҳқиқ масъалаҳои гузошташударо ҳамаҷониба омӯхтааст.

Натиҷаҳои пажуҳиши таҷрибавӣ, ки ба муайян намудани самаранокии методикаи ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ равона шудаанд, мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда бо далелҳои илмӣ ва маълумоти боэътимод асоснок гардида, натиҷаҳои таҳқиқи таҷрибавӣ самаранокии модели пешниҳодшуда ва технологияҳои омӯзиширо тасдиқ менамоянд. Интишороти илмии муаллиф мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, бо натиҷаҳои таҳқиқ мувофиқат доранд. Дар маҷмуъ, натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии пешниҳодшуда ба талаботи таҳияи корҳои диссертатсионии илмӣ ҷавобгӯ буда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии худро дар рушди назария ва методикаи таълими забони англисӣ собит менамоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Пажуҳиши мазкур аз ҷиҳати интихоб ва баррасии мавзуъ дорои навгонии илмӣ буда,

дар он бори аввал методикаи ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорониояндаи забони англисӣ тавассути истифодаи матнҳои таълимӣ дар асоси равиши герменевтикӣ ба таври мукаммал ва низомманд мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф бо такя ба равишҳои муосири педагогӣ ва назарияву методикаи таълими забонҳои хориҷӣ асосҳои назариявӣ ва методологии рушди тафаккур ва салоҳиятмандии касбӣ-педагогиро муайян намуда, модели педагогӣ, технологияҳои таҳлил ва тафсири матнҳои таълимӣ, инчунин тавсияҳои илмӣ-методиро оид ба такмили раванди омодасозии омӯзгорониояндаи забони англисӣ пешниҳод кардааст.

Саҳеҳӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада аз он бармеояд, ки онҳо дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ, истифодаи усулҳои назариявӣ, эмпирикӣ ва омории таҳқиқ, ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти таҷрибавӣ, инчунин санҷиши натиҷаҳо дар ҷараёни озмоиши педагогӣ ба даст оварда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо натиҷаҳои таҳқиқи таҷрибавӣ тасдиқ гардида, самаранокии методикаи пешниҳодшударо дар ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорониояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ собит менамоянд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқ дорои аҳаммияти назарраси илмӣ буда, барои рушди назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, махсусан забони англисӣ, инчунин такмили асосҳои илмӣ-методии ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии касбӣ-педагогии омӯзгорони оянда заминаи илмӣ фароҳам меоранд. Хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодшуда метавонанд, дар таҳқиқоти минбаъдаи соҳаи назария ва методикаи таълими забони англисӣ, такмили мазмун ва технологияҳои таълим, инчунин дар раванди омодасозии омӯзгорониояндаи забони англисӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, силлабусҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва методӣ, инчунин дар интихоби шаклҳо, усулҳо ва технологияҳои муосири таълими забони англисӣ истифода шаванд. Модели пешниҳодшуда, технологияҳои таҳлил ва тафсири матнҳои таълимӣ ва тавсияҳои илмӣ-методӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, донишҷӯён, магистрантон ва таҳиягарони барномаҳои таълимӣ аҳаммияти амалӣ доранд.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, натиҷаҳои таҳқиқ ба рушди тафаккури интиқодӣ, фарҳанги маърифатӣ, салоҳиятмандии касбӣ ва коммуникативии омӯзгорониояндаи забони англисӣ, баланд бардоштани сифати таълими забонҳои хориҷӣ ва омодасозии мутахассисони рақобатпазири ҷавобгӯ ба талаботи ҷомеаи муосир мусоидат менамоянд.

Диссертант дар ҷараёни таҳқиқ ҳадаф ва вазифаҳои мушаххаси илмиро муайян намуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар асоси мантиқи таҳқиқ ҷамъбаст кардааст. Ин нуктаҳо масъалаҳои асосии диссертатсия, аз ҷумла асоснок намудани равиши герменевтикӣ ҳамчун заминаи методологӣ, таҳияи модели ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ, муайян намудани имкониятҳои дидактикии матнҳои таълимӣ, санҷиши таҷрибавии самаранокии методикаи пешниҳодшуда ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба такмили раванди таълими забони англисиро фаро мегиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои пажуҳиши анҷомдода дар заминаи истифодаи ҳадафмандонаи осори назариявӣ ва дастовардҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар соҳаи назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, педагогика, психология, герменевтика ва методикаи таълими забони англисӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқ ба сарчашмаҳои боэътимоди илмӣ такя намуда, усулҳои назариявӣ, эмпирикӣ ва омории таҳқиқро мувофиқи мақсад дуруст интихоб ва татбиқ намудааст. Ҳаҷми маводи ҷамъовардашуда, натиҷаҳои таҳқиқи таҷрибавӣ, тарзи коркарди маълумот ва интишороти илмии муаллиф ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ҷавобгӯ мебошанд. Таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои таҳқиқ ба диссертант имкон додааст, ки хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва боэътимод пешниҳод намуда, самаранокии методикаи ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисиро тавассути кор бо матнҳои таълимӣ аз ҷиҳати таҷрибавӣ исбот намояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии диссертант, пеш аз ҳама, дар таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ зоҳир мегардад. Муаллиф дар асоси таҳлили мустақили сарчашмаҳои илмӣ асосҳои назариявию методологии таҳқиқро ҷамъбаст намуда, равиши герменевтикиро ҳамчун заминаи методологии рушди тафаккур ва салоҳиятмандии касбӣ асоснок кардааст. Диссертант мустақилона модели педагогӣ ва методикаи ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандиро таҳия намуда, таҳқиқи таҷрибавиро ташкил ва баргузор карда, натиҷаҳои онро таҳлил ва ҷамъбаст намудааст. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба истифодаи матнҳои таълимӣ дар раванди омодасозии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ пешниҳод гардидаанд. Мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ ва дигар интишороти муаллиф саҳми мустақилона ва фаъоли ӯро дар иҷрои таҳқиқ пурра тасдиқ менамоянд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мухтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаҳои илмии эътирофшуда ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда масъалаҳои асосии диссертатсияро фаро гирифта, натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии таҳқиқро инъикос менамоянд ва ба мухтавои рисола пурра мутобиқ мебошанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, бобҳо, фаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талаботи муқарраргардидаи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ буда, пайдарпайии мантиқии масъалаҳои таҳқиқ, истифодаи сарчашмаҳои боэътимоди илмӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои асосноки илмӣ дар он ба таври возеҳ инъикос гардидаанд. Маводи диссертатсия аз ҷиҳати мазмун пурра ба анҷом расида, барои ба ҳимоя пешниҳод шудан омода мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия бо риояи талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ҳамаи зербахшҳои ҳатмии он, аз ҷумла мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, фарзияи илмӣ, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва маълумот оид ба татбиқу интишори натиҷаҳои таҳқиқ ба таври пурра инъикос ёфтаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ ва методологии инкишофи тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ»** ном дошта, ба таҳлили асосҳои илмии масъала бахшида шудааст. Муаллиф моҳият, мазмун, сохтори тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогиро ҳамчун падидаи психологию педагогӣ мавриди таҳлил қарор дода, муносибатҳои назариявии олимони ватаниву хориҷиро муқоиса ва ҷамъбаст намудааст. Дар идома равиши герменевтикӣ ҳамчун асоси методологии таҳқиқ асоснок гардида, имкониятҳои он дар рушди тафаккури касбӣ ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ нишон дода шудаанд. Ҳамчунин, нақши матни таълимӣ ҳамчун воситаи дидактикии рушди фаъолияти маърифатӣ, тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони оянда аз ҷиҳати илмӣ таҳлил ва арзёбӣ гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Методика ва модели инкишофи тафаккур ва салоҳият тавассути кор бо матнҳои таълимӣ»** ном дошта, ба таҳияи асосҳои методии истифодаи матнҳои таълимӣ дар омодасозии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ бахшида шудааст. Муаллиф технологияҳо, усулҳо ва

шаклҳои таҳлил, тафсир ва эҷоди матнҳои таълимиро баррасӣ намуда, имкониятҳои дидактикии онҳоро дар рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ-педагогӣ асоснок кардааст. Дар ҳамин замина модели педагогии рушди тафаккур ва салоҳияти касбӣ дар асоси тафсири герменевтикии матни таълимӣ таҳия гардида, ҷузъҳо, механизмҳо ва шароитҳои амалисозии он аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Ташкил ва натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ»** ба ташкили озмоиши педагогӣ ва таҳлили натиҷаҳои он бахшида шудааст. Дар ин боб методика ва марҳилаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ, нишондиҳандаҳо, меъёрҳо ва сатҳҳои арзёбии рушди тафаккур ва салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавсиф гардидаанд. Муаллиф ҷараёни гузаронидани озмоиши педагогӣ, хусусиятҳои базаи таҳқиқ ва натиҷаҳои бадастомадаро таҳлил намуда, самаранокии модели пешниҳодшуда ва таъсири мусбати он ба рушди тафаккур, салоҳияти касбӣ ва сифати омодагии омӯзгорони ояндаи забони англисиро бо далелҳои илмӣ асоснок кардааст.

Дар маҷмуъ, сохтор ва мазмуни диссертатсия бо пайдарпайии мантиқӣ таҳия гардида, масъалаҳои гузошташуда пурра фаро гирифта шудаанд. Бобҳо бо ҳамдигар иртиботи мантиқӣ дошта, натиҷаҳои ҳар боб барои ҷамъбасти илмии таҳқиқ заминаи зарурӣ фароҳам меоранд. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз муҳтавои таҳқиқ маншаъ гирифта, бо натиҷаҳои таҳқиқи назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок гардидаанд.

Умуман, аз баррасии бобу фаслҳои диссертатсия бармеояд, ки унвонҷӯ Сулаймонзода Нилуфар Сулаймон тавонистааст, масъалаи рушди тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисиро тавассути истифодаи матнҳои таълимӣ дар заминаи равиши герменевтикӣ ба таври ҳамаҷониба ва илмӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Муаллиф асосҳои назариявӣ ва методологии масъала, ҷанбаҳои методӣ, модели пешниҳодшуда ва натиҷаҳои таҳқиқи таҷрибавиро бо пайдарпайии мантиқӣ таҳлил намуда, хулосаҳо ва тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокро пешниҳод кардааст, ки барои такмили назария ва методикаи таълими забони англисӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқикро ҷамъбаст намуда, аз муҳтавои бобҳо ва фаслҳои рисола маншаъ мегирад. Хулосаҳо бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқат дошта, бо забони илмии равон, дақиқ ва мантиқӣ таҳия шудаанд.

Диссертатсияи Сулаймонзода Нилуфар Сулаймон ба талаботи муқаррааргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муҳтавои он ба ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) пурра мутобиқат менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Бо вуҷуди он ки диссертатсияи мавриди тақриз дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардида, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад, дар он баъзе мулоҳизаҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо метавонад сифати корро боз ҳам беҳтар намояд:

1. Дар баъзе бахшҳои диссертатсия барои тақвияти муҳокимаи илмӣ истифодаи бештари сарчашмаҳои солҳои охир ва истинод ба таҳқиқоти муосири хориҷӣ мувофиқи мақсад мебуд;

2. Дар баъзе мавридҳо барои осонтар дарк намудани мазмун пешниҳоди ҷадвалҳо, схемаҳо ё диаграммаҳои ҷамъбастӣ метавонист натиҷаҳои таҳқиқро боз ҳам равшантар инъикос намояд;

3. Дар тавсияҳои амалии таҳқиқ баъзе пешниҳодҳо хусусияти умумӣ доранд. Агар онҳо барои истифода дар машғулиятҳои амалӣ бо намунаҳои мушаххаси супоришҳо ва тавсияҳои методӣ пурратар пешниҳод мегардиданд, аҳаммияти амалии онҳо бештар мегашт;

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат дар баъзе саҳифаҳо ғалатҳои ҷузъии имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои баланд бардоштани сифати таҳририи рисола мувофиқи мақсад мебошад.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия ва хулосаҳои асосии муаллиф таъсир намерасонанд.

Автореферат ва мақолаҳои илмие, ки диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқ ба нашр расонидааст, муҳтавои асосии диссертатсияро ба таври пурра ва возеҳ инъикос менамоянд. Дар онҳо масъалаҳои асосии баррасишуда, натиҷаҳои муҳимми илмӣ ва хулосаҳои асосии рисола ба таври мухтасар, вале дақиқ пешниҳод гардидаанд, ки ин аз ҳамоҳангии комили онҳо бо матни диссертатсия шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин, мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи масъалаҳо ва самтҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) муайян гардидаанд, пурра мутобиқат дошта, аҳаммияти назариявӣ ва амалии худро дар ин замина собит менамояд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Сулаймонзода Нилуфар Сулаймон дар мавзуи «Методикаи ташаккули тафаккур ва салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути кор бо матнҳои таълимӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Шарифзода Хуршед Алихон омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №1/1 аз 10-августи соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 - нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 10 - нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа:**
Доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси
забоншиносӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи
методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Робияи Абдусамад

**Эксперт:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шарифзода
Хуршед Алихон

**Котиби илмии ҷаласа**:
Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони
кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ҷамолбии Ҳабибулло

Имзоҳои Робияи А., Шарифзода Х.А. ва
Ҷамолбии Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатзода Миралӣ
Абдусамад

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.: +992 (3322) 2-35-06;
E-mail: info@kgu.tj; Сомонаи расмӣ: www. kgu.tj
«10»-уми августи соли 2026.